**Тоҷикӣ,**

**Б) Адабиёт**. Адабиёти тоҷикӣ бахше аз адабиёти форсӣ аст. Ҳамон тавре ки гуфта шуд, аз садаи даҳуми адабиёти форсӣ бо гузашти замон якпорчагии худро дар Эрон ва Мовароуннаҳр аз даст дод ва дар ҳар як дорои вежагиҳое шуд (Донишномаи адабиёт ва ҳунари тоҷик, ҷ. 1, саҳ. 82; Д. ислом, чопи дуввум, зайли 2, Тоҷикон) дар асрҳои XII ва XIII, Осиёи Марказӣ ба се қаламрави сиёсии Бухоро, Хуқанд ва Хоразм тақсим шуд ва муҳити адабӣ низ дар се ҳавза мутамарказ гашт. Бо сабаби ихтилофҳои доимӣ миёни хоннишинҳои ин минтақаҳо, маҳфилҳои адабӣ қодир ба барқарории равобит набуданд. Илова бар ин, се маркази асосӣ, дар Хуҷанд, Ҳисор, Бадахшон ва ҷойҳои дигар низ шоирон ба форсии тоҷикӣ шеър мегуфтанд. Дар қаламрави Амороти Бухоро, адабиёт ба таври куллӣ ба форсии тоҷикӣ буд ва дар Хуқанду Хоразм бештари шоирон ба ду забони роиҷи туркии узбекӣ ва форсии тоҷикӣ шеър месуруданд, аммо дар осори бархе шоирон, назири Шермуҳаммад Акмал (с. ваф. 1821/1236), Маҳмуд Махмур (с. ваф. 1844/1260), Мирзо Шамсиддин Доъӣ (с. ваф. 1886/1303) ва Муҳаммадшариф Гулханӣ (с. ваф. 1983/1362) шеърҳои туркӣ камтар ба чашм мехӯрад (Донишномаи адабиёт ва ҳунари тоҷик, ҷ. 1, саҳ. 84; Донишномаи адаби форсӣ, ҷ. 1, саҳ. 83).

Дар 1868/1285 Русияи подшоҳӣ қаламрави Амороти Бухороро тасарруф кард (Б. Ғафуров, ҷ. 2, саҳ. 994). Ин ҳодиса сабаби эҷоди иртиботе, ҳарчанд андак, миёни Бухоро ва дигар сарзаминҳои Русия ва ба табъи он Аврупо гардид ва муҷиби падид омадани таҳаввулоте дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии онон шуд (ниг. ба ҳамон, ҷ. 2, саҳ. 1127). Аҳмад Махдуми Дониш, суханвар ва мутафаккири тоҷик, се бор ҳамроҳи ҳайъати сафирон ба Русия сафар кард ва ҷунбиши рӯшанфикрӣ ва ислоҳталабиро ба роҳ андохт ва бунёдгузори “Наҳзати маорифпарварӣ” (ҷунбиши равшанфикрии мазҳабӣ дар Осиёи Марказӣ) шуд (Донишномаи адабиёт ва ҳунари тоҷик, ҷ. 1, саҳ. 411-412). Исо Махдум (1826/1315-1887/1242), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1817/1301-1894/1312), Шоҳини Бухороӣ ва Абдулқодири Савдо (1823/1239-1873/1301), ки аз ҳамфикрони Дониш буданд, дар осори манзум ва мансури хеш ба мавзӯъҳои муҳими иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пардохтанд ва аз равишҳои идораи ҳукумат, порахӯрӣ, хурофотпарастӣ ва шеваҳои ақибмондаи омӯзиш ва тадрис башиддат танқид карданд (Б. Ғафуров, ҷ. 2, саҳ. 1128-1129). Возеҳ ва Мирзо Сироҷ Ҳаким (1877/1295-1914/1333) ба Эрон сафар карданд ва бо аҳли илму адаб ошно шуданд, ки бар навиштаҳо ва сурудаҳои онҳо таъсир гузошт (Д. Тоҷикӣ, ҷ. 4, саҳ. 412).

Аз вежагиҳои адабиёти асри XIX/XIII ва ибтидои асри XX/XIV ривоҷи тазкиранависӣ бо зикри ҳаводиси муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ буд. Аз тазкираҳои муҳими он давра метавон ба инҳо ишора кард: Тазкори ашъори Садри Зиё, Тазкират ул шуъарои Ҳоҷӣ Абдулазим Шаръӣ (с. ваф. 1890/1308; ҳамон, ҷ. 7, саҳ. 229, ҷ. 8, саҳ. 109), Туҳфат ул ҳабоб фи тазкират ул асҳоби Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Афзал ат-тазкор фи зикр аш-шуъаро ва аш-шиъори Афзал Махдум Пирмастӣ (с. ваф. 1915/1334), Тазкират аш-шуарои Муллоҳоҷӣ Неъматуллоҳ бин Қозӣ Шарафиддин Муҳтарам (с. ваф. 1920/1339), Тазкират уш-шуаро ал мутаахирини Абдуллохоҷа Абдӣ (с. ваф. 1922/1301), Маҷмӯат уш-шуарои Фазлии Намангонӣ (асри XIX/XIII). Ин тазкираҳо агарчи матолиби зидди якдигар доранд, барои таҳқиқ ва баррасии аҳволи иҷтимоӣ ва муҳити фарҳангии он рӯзгор муфиданд (Донишномаи адаби форсӣ, ҷ. 1, саҳ. 74). Аз оғози асри XX/XIV, нашрияҳое монанди “Чеҳранамо”, “Сироҷ-ул-ахбор”, “Мулло Насриддин”, “Вақт” ва “Шӯро”, ки дар кишварҳои гуногун мунташир мешуд, дар Бухоро ворид ва мӯҷиби бедорӣ ва огоҳии хонандагон шуд. Ба пайравӣ аз онҳо, аҳли қалами Осиёи Марказӣ низ нашрияҳое чун “Бухорои шариф”, нахустин рӯзномаи Бухоро, ки ба форсии тоҷикӣ буд, “Самарқанд”, “Ойина”, “Садои Фарғона” ва “Садои Туркистон”-ро мунташир карданд (Мусулмониёни Қубодиёнӣ, 1376, саҳ. 116; низ ниг.: Шукуров, саҳ. 82). Ҳамчунин дар ибтидои ин аср, дар қаламрави Бухоро ба дунболи талошҳои маорифпарварон, наҳзати ҷадидҳо зуҳур кард, ки бо номҳои “Бухороиёни ҷавон” ва “Ҷадидҳо” машҳур аст. Рӯшанфикроне, ки аксарият низ мазҳабӣ буданд, дар қолиби шеър, достон, сафарнома, хабару мақола, китобҳои дарсӣ ва илмӣ афкори ҷадидонаи худро мунташир мекарданд. Баръе осори адабӣ назири “Мунозира ва баёноти сайёҳи Ҳинд”-и Фитрат, “Анҷумани арвоҳ”, “Мироти ибрат” ва “Ганҷинаи ҳикмат”-и Сиддиқии Аҷзӣ, “Ҷавомеъ ул ҳикоёт”-и Шкурӣ, “Армуғони дӯстон”-и Валсӣ, “Бедории хуфтагон ва огоҳии ноогоҳон”-и Икромча, “Алифбои мактаби ислом” ва “Падаркуш”-и Беҳбудӣ, ки борҳо чоп ва мунташир шуда, дар муҳити маънавӣ ва иҷтимоии он замон таъсири басазо доштааст. Равшанфикрони тоҷик бунёди рушангариро дар таълиму омӯзиш диданд ва дар пайи омӯзиш ба равиши ҷадид (усули савтия) баромаданд ва ба интишори осори бузургон эҳтимом варзиданд, ба гунае ки девони Ҳофиз дар тайи солҳои 1892/1309 то 1911/1329 танҳо дар Тошканд беш аз даҳ бор ба чоп расид (Д. Ӯзбекистон, ҷ. 14, саҳ. 462). Ақидаҳои равшанфикронаи ислоҳталабон бо мухолифати шадиди бархе афроди мутаассиб, ки манфиатҳои худро дар бесаводии омма ва ақибмондагии ҷомеа медиданд, рӯбарӯ шуд. Дар 1917/1336 Амир Олимхони манғит (давраи ҳукмронӣ:

1910/1327-1920/1339) низ аз ин гурӯҳи мутаассиб пуштибонӣ кард ва фатвои “ҷадид кофир аст” содир шуд ва бисёре аз аҳли қалам ва ҳатто мардуми оддӣ кушта шуданд. Мирзо Назрулло, Ҳомидхоҷа Меҳрӣ, Мирзо Файёз, Мирзо Аҳмад, Сироҷиддин Хоҷа, Ҳоҷӣ Абдусаттор, Мирзоҳайит Саҳбои Вобкандӣ, Сайидҷон Махдуми Назмӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Мирзошоҳ Фойиз аз ҷумлаи ин афрод буданд. Садриддин Айнӣ боталоши равшанфикрони фирорӣ ва дахолати сарбозони русӣ аз марг раҳоӣ ёфт. Ин фоҷеъа заминае фароҳам овард то Бухоро дар 1920/1339 ба осонӣ ба тасарруфи болшевикҳо дарояд (Мусулмониён Қубодиёнӣ, 1376, саҳ. 118-119). Дар нимаи дуввуми қарни XIX гурӯҳе аз суханварон, ба роҳбарии Аҳмад Махдуми Дониш, бар он шуданд, ки раванди адабиро ба сӯи дигаронсавқ диҳанд ва адабиётро бо зиндагии воқеъӣ ҳамроҳ кунанд. Бар ин асос, метавон адабиёти муосири тоҷикиро ба панҷ марҳила тақсим кард:

1) нимаи дуввуми асри XIX: адабиёти маорифпарварӣ;

2) солҳои 1900-1920: талош дар роҳи худшиносӣ ё адабиёти ҷадидия;

3) аз 1926 то поёни даҳаи панҷоҳ: давраи таҳаввул ва ташаккули адабиёти хушку беранг ва қолибӣ;

4) аз поёни солҳои панҷоҳ то поёни даҳаи ҳаштод: талош барои раҳоӣ аз қолибҳои хушк ва берӯҳ;

5) аз поёни даҳаи ҳаштод то кунун: давраи рушди адабиёти мардумӣ (Мусулмониёни Қубодиёнӣ, 1376 ш., саҳ. 198).

Маорифпарварон, поягузори адабиёти нав аз лиҳози мавзӯъ ва мазмун ва забону услуб буданд ва суханварони давраи баъдӣ ин адабиётро ба таври комил шакл доданд. Гунаҳои адабии нав ҳамонанди достони кӯтоҳ, қисса, романи воқеъгаро ва сафарнома, ки дорои забони содда ва бепироя буд, рушд ёфт. Суханварони ин замон, ки аз низоми Аморати Бухоро зарбаҳои зиёде хурда ва бисёр озурда буданд, низоми шӯравиро бо умед ба густариши адолату ростӣ ва рушди арзишҳои миллӣ бо шодмонӣ пазируфтанд. Айнӣ бо сурудани суруди озодӣ дар 1918/1336 шоире навпардоз шинохта шуд ва дар сафи оғозини адибони мубориз қарор гирифт. Осори ӯ – ҳамонанди “Ҷаллодони Бухоро”, “Таърихи инқилоби Бухоро”, “Таърихи усули савтия” ва “Инқилоби фикрӣ дар Бухоро”, достони “Одина”, тазкираи “Намунаи адабиёти тоҷик” – аҳамияти бсёре дар худшиносии тоҷикон доштааст. Вай гузашта аз шоирӣ ва нависандагӣ, ба рӯзноманигорӣ рӯй овард, чунонки тайи солҳои 1919/1337-1921/1339 дар ҳудуди 67 мақола дар матбуот ба чоп расонд (Шукуров, саҳ. 88-90; Мусулмониёни Қубодиёнӣ, 1376 ш., саҳ. 127; ҳамон, 1377 ш., саҳ. 106-107).

Даврai севвум бадтарин ва зиёнбортарин даврai таърихи адабиёти тоҷик аст. Ҳамаи мардуми Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, аз ҷумла тоҷикон, дар даҳаи сиюми меладӣ сангинтарин фоҷеаро мутаҳаммил шуданд. Камунистҳо ҳар китоберо, ки ба хатти форсӣ меёфтанд, месӯзонданд. Хатт барои дуввумин бор дар 1939/1318 аз лотин ба русӣ тағйир ёфт ва бисёре аз аҳли қалам ҳамонанди Бектош, Алихуш, Саъдулло Рабеъӣ, Рашид Абдулло, Баҳриддин Азизӣ, Обид Исматӣ, Сайидризо Ализода, Фитрат ва Рауф Тоҳирӣ ба қатл расиданд. Гурӯҳи касире, аз ҷумла Сомеъ Одиназода, Ҷалол Икромӣ, Муҳиддин Аминзода, Аҳмадҷон Ҳамдӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Баҳром Сирус, Нодир Шанбезода, Ғанӣ Абдулло, Садриддин Айнӣ, Ҳаким Карим, Мирзо Латиф, Вадуд Маҳмудӣ, Раҳим Ҳошимро боздошт, шиканҷа ё табъид карданд (Собир, Муқаддимаи Мусулмониён Қубодиёнӣ, саҳ. 8-9). Истифодаи бархе китобҳо, ҳамонанди "Намунаи адабиёти тоҷик" низ манъ шуд. Дар натиҷа, бадгӯии мутлақ аз рӯзгори пешин ва ҳама гуна одобу суннатҳои миллӣ ва мардумӣ расмият ёфт. Рафтори донишомӯзи русӣ, Павлик Морозов, ки аз ақоиди динӣ ва зиддинқилобии падараш хабар дода ва ӯро ба пояи мизи муокима кашонда буд, намунаи адабӣ ва ҳунарӣ қарор гирифт. Дар ҷанги ҷаҳонии дуввум, гурӯҳи бузургеро ба хатти муқаддами ҷанг фиристоданд, ки дар миёни онҳо афроде барҷаста, монанди Ҳабиб Юсуфии Самарқандӣ - шоир, Ҳаким Карими Хуҷандӣ – насранвис, Лутфулло Бузургзода – пажӯҳишгар ва Абдушукур Пирмуҳаммадзодаи Самарқандӣ – намоишноманавис, буданд ки ҳамагӣ кушта шуданд. Дар ин давра зарбаҳои бисёр сангине низ ба арсаи шеър ворид шуд, зеро барои аҳли қалам дастур яке буд: "чӣ бояд гуфт?", аммо "чӣ гуна гуфтан" муҳим набуд. Дар баробари осори фаровоне ки бо ситоишҳои дуруғин аз ҷомеаи сотсиалистӣ ва кишвари шӯравӣ ва роҳбарони ҳизб ва давлат мунташир ва дар инҳирофи фарҳангӣ ва маънавии мардум муассир воқеъ шуд, осори арзандае низ падид омад, монанди "Дохунда" (1930), романи ҳаҷвомези "Марги судхӯр" ва китоби хотироти "Ёддоштҳо"-и Айнӣ, "Субҳи ҷавонии мо", "Ёрони боҳиммат" аз Сотим Улуғзода, "Ман гунаҳкорам" аз Икромӣ, "Вафо" аз Фотеҳ Ниёзӣ, "Тобистон" аз Пӯлод Толис, ки нигоҳи нисбатан воеъгароёна ба ҳақиқати зиндагӣ доранд ва ҳанӯз аҳамияти худро аз даст надодаанд (Мусулмониён Қубодиёнӣ, 1376 ш., саҳ. 101-102). Шоирони барҷаста ва солхӯрда ҳамонанди Зуфархон Ҷаъфарӣ, Аҳмадҷон Ҳамдӣ, Абдувоҳид Мунзим, Пайрав, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирҳайдар Сарвар ва низ шоирони нисбатан ҷавон, аз ҷумла Мирзо Турсунзода, Ҳ. Юсуфӣ, Боқӣ Раҳимзода ва Мирсаид Миршакар ба тасвири рӯзгори заҳматкашони тоҷик ва ситоиши зебоиҳои табиии Тоҷикистон пардохтанд. Айнӣ, Фитрат, Абдушукур Пирмуҳаммадзода

ва Улуғзода ба муаррифии чеҳраҳои фарҳангӣ ва таърихии пешин рӯй овarданд ва осори бисёре дар бораи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ, Восифӣ, Муқаннаъ, Темурмалик, Аҳмади Дониш ва шӯриши Восеъ арза карданд. Аз паёмадҳои мусбати адабиёт дар ин давра, ҳамсадоии заҳматкашони ҷаҳон дар талош барои касби озодӣ буд ва навиштаҳои манзуи ғаноӣ ва иҷтимоии М. Турсунзода дар ин замин муассир буданд. Ҳузури фаъоли Абулқосим Лоҳутӣ, ба унвони намояндаи зиндаи муҳити адабии Эрон, дар рушд ва такомули шоистаи шеъри муосири тоҷик таъсири басазое доштааст.

Дар чаҳорумин давраи адабӣ низ сиёсати расмии ҳизби ҳоким ва ҳукумати шӯравӣ дар бораи адабиёт ва ҳунар тағйир накард, балки озорҳо ва фишорҳо шадидтар шуд ва бозори кизбу дуруғпардозӣ ҳамчунон идома ёфт. Шоирону адибони ҳамсӯ бо ҳукумат, ҷоиза ва унвону нишон дарёфт мекарданд ва осорашон пайваста бо шуморагони боло чопу мунташир ва ба забоҳои дигар тарҷума мешуд. Бо вуҷуди ин, дар поёни даҳаи панҷоҳи мелодӣ Никита Хрушев, раҳбари вақти ҳизби камунист ва Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, бо интиқод аз ситоиши шахсияти Сталин, парда аз асрори диктатурии низоми камунистии давлати шӯравӣ бардошт. Ба дунболи ин иқдоми сиёсӣ, аҳли адабу ҳунар озодии нисбӣ ба даст оварданд ва суханварони тоҷик, даричае ба сӯи адаби адабу фарҳанги Эрону Афғонистон боз карданд. Дар даҳаи ҳафтод ва ҳаштоди мелодӣ ифои вазифаи бархе аз аҳли қалами тоҷик ба унвони тарҷумони русӣ дар Афғонистон, мӯҷиби ошноӣ ва ба дунболи он асарпазирии ҳунарӣ аз шеъри Афғонистон ва Эрон шуд. Шоирону нависандагоне монанди Мӯъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷумъа Одина, Муҳиддин Хоҷаев, Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Юсуф Акобиров, Баҳром Фирӯз ва Адаш Истад ба масоили асосии зиндагӣ таваҷҷуҳ карданд ва аз воқеияти талхи ҷомеаи бӯҳронии тоҷик парда бардоштанд. “Гузашти айём”-и Ҷумъа Одина, “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода ва “Шоҳии япон”-и Ф. Муҳаммадиев аз ҷумлаи китобҳое буданд, ки ба ифшои ҳақиқат пардохтанд ва ба ҳамин далел нависандагони онҳо мавриди азияту озори бисёр қарор гирифтанд. Дар поёни марҳилаи чорум, суханварони ҷавону болаёқат назири Ҳабибулло Файзулло, Ғойиб Сафарзода, Зиё Абдулло, Гулназар, Аскар Ҳаким, Раҳмат Назрӣ, Камол Насрулло, Баҳманёр, Абдулҳамид Самад ва Кароматулло Мирзо ба камол расиданд ва ба адабиёти мардумӣ равнақ бахшиданд. Ҳунари намоиш низ дар ин давра рушди чашмгире дошт, Файзулло Ансорӣ, Султон Саидмуродов, Ғанӣ Абдулло, Самад Ғанӣ, Муҳаммадиев, Ато Ҳамдам, Меҳмон Бахтӣ ва

Нурмуҳаммад Табаров намоишномаҳо ва филмномаҳое навиштанд, ки берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба рӯи саҳна омад. Нақшҳои ҳунарӣ ва коргардониҳои халлоқонаи Муҳаммадҷон Қосимов, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳошим Гадоев, Бақо Содиқов, Фаррух Қосим, Малика Собирова, Борис Кимёгаров, Тоҳир Собиров, Зоҳир Дӯстмуҳаммадов шӯҳрати ҷаҳонӣ касб карданд. Иқболи ҳунармандон ба мероси ҷовидонаи бузургоне чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Ҷомӣ ва Ҳофиз дар худшиносии мардум муассир воқеъ шуд. Дар даҳаи панҷоҳи мелодӣ (1330 ш.)  М. Турсунзода раҳбари Иттифоқи нависандагон, мавриди истиқбол ва пайрави ҷавононе монанди Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир ва Гулрухсор қарор гирифт ва оғозгари таҳаввул дар шеъри тоҷикӣ шуд. Маҳмудҷон Воҳидов (1939/1318-1977/1356) намоишномаҳое бо унвонҳои “Ватан ва фарзандон”, “Гуфтугӯ бо худ” (аз рубоъиёти Хайём), “Ишқи зиндагӣ” (аз ғазалҳои Ҳофиз) таҳия кард ва худ ба танҳоӣ дар камоли маҳорат онҳоро иҷро кард. Аз 1985/1364, ки Михаил Горбачев, охирин раҳбари ҳизби камунист ва давлати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, ба “ошкорбаёнӣ ва бозсозӣ” иқдом кард, раванди ҳақиқатгӯӣ дар адабиёт ва ҳунар низ маҷрое густарда пайдо кард. Романи С. Улуғзода бо номи “Фирдавсӣ”, барандаи ҷоизаи байналмилалии Теҳрон дар 1375 ш., ва қиссаҳо ва достонҳои Саттор Турсун, Кароматулло Мирзо, Сайф Раҳим, Баҳманёр, Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Муҳаммадзамон Солеҳ, Абдурофеъ Рабизода аз осори муҳимми ин давра ба шумор меоянд, ки дар бисёре аз онҳо бӯҳрони ҷомеаи тоҷикон ва ҷанги дохилӣ 1992/1371-1997/1376 ба тасвир кашида шудааст. Фоҷеъи ҷанг махсусан дар ҳамосаи “Дод” аз Мӯъмин Қаноат (Алмаато, 1994/1373), “Зодрӯзи дард” аз Гулрухсор (Москва, 1994/1373), “Шеъри ғарқи хун”-и Бозор Собир (Теҳрон, 1378 ш.) ба таври барҷаста инъкос шудааст.

Шоироне монанди Фарзона, Шаҳрия, Зулфия, Алимуҳаммад Муродӣ, Рустам, Сиёваш, Салими Хатлонӣ, Искандари Хатлонӣ, Муҳаммадалӣ Аҷамӣ дар ифшои масоили ҷомеъа бисёр фаъол буданд. Бетаваҷҷӯҳӣ ба забони модарӣ, ҷудоӣ аз марказҳои фарҳангӣ ва таърихии Самарқанд ва Бухоро, кори сангини навҷавонон ва ҳатто кӯдакон ва авзоъи нобасомони занон, аз ҷумла мавзуъоти асосии сурудаҳои ин шоирон буд. Таваҷҷуҳи шоирон ба масоили асосии зиндагӣ ва ҷанбаҳои ҳунарии шеър мунҷар ба худшиносӣ ва бедорӣ шуд ва мактаби адабии Бозор Собир дар ин раванд муассир буд. Чопу нашри осори муаллифони тоҷик дар хориҷ з кишвар, бавежа дар Эрон, аз вежагиҳои муҳимми давраи ахир ба шумор меоянд, чунонки китобҳои Садри Зиё, С. Улуғзода, Бозор Собир, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Абдулҳамид Самад, Фарзона, Аскар Ҳаким ва Ашӯр Сафар дар Теҳрон ба табъ расид. Осори

барҷастаи намоишии давраи панҷум бозгӯкунандаи масоили печидаи ҷомеаи имрӯзии тоҷикон аст, монанди филми мустанади "Устод" ба коргардонии Давлат Худоназар, ки сабабҳои иҷтимоӣ-сиёсии сарнавишти талхи Лоҳутиро баён мекунад. Дар ҷанги дохилӣ гурӯҳи бузурге аз аҳли илму андеша монанди Муҳаммад Осимӣ, Пирум Сатторӣ, Назаршоев, Исҳоқӣ, Отахон Латифӣ, Сайф Раҳим ва ҳамчунин Нафасбек Раҳмонӣ ва Искандар Хатлонӣ – дур аз Ватан – кушта шуданд. Пас аз касби истиқлол (1991/1320) ва поёни ҷанг (1997/1376) ҳанӯз ҳам аҳли қалам монанди Бозор Собир, Рустам, Сиёваш, Сайдар, Имомназар Холназар ва Сафар Абдулло дар оворагӣ басар мебаранд ва қодир ба ҳузури фаъол дар арсаи адабӣ нестанд.

**Сарчашмаҳо:**


1. Илова ва иттилооти шахсии нависанда;
2. Донишномаи адаби форсӣ. Ба сарпарастии Ҳасан Анӯша, ҷ. 1: Осиёи Марказӣ, Теҳрон, 1375 ш.;
3. Муҳаммадҷон Шукуров. "Сайри адабии Садриддин Айнӣ ва марҳилаҳои он", Номаи Фарҳангистон, соли 3, шумораи 3 (тирамоҳи 1376);
4. Бозор Собир. Шеъри ғарқи хун, ба кӯшиши Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ, Теҳрон, 1378 ш.;
5. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон, Душанбе, 1377 ш.;
6. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Забон ва адаби форсӣ дар Фароруд, Теҳрон, 1376 ш.;
7. Ҳамон. "Аллома Айнӣ ва адабиёти форсии тоҷикӣ", Қарор: вежабарномаи пажӯҳишӣ, адабӣ, ҳунарӣ, 1377 ш.;
8. EI 2, «Tadjiki. 2: Literature" (by J. Becka);
9. Ensiklopediyayi adabiyat va san'ati Tojik, vol. 1, Dushanbe 1988;
10. Ensiklopediyayi Sovetii Tojik, Dushanbe 1978-1988;
11. Uzbek Savet Ensiklopediyasi, Tashkent 1971-1980.



***Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ***



***Донишномаи ҷаҳони ислом, ҷилди 1, саҳ. 2042 (ба форсӣ)***

***(Бунёди Доиратулмаорифи исломӣ)***